**АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

.

Бо Фармоиши Директори Агентии омори
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28.04.2010. №12 тасдиқ карда шудааст

**ДАСТУРАМАЛ**
**оид ба пур кардани шакли ҳисоботи оморӣ дар бораи содироти (воридоти) молҳо (шакли № 8- АИХ ( семоҳа)**

**1 . Қоидаҳои умумӣ**

1.1 Шакли ҳисоботи омории давлатиро дар бораи содироти (воридоти) молҳо ва хизматҳо пешниҳод мекунанд:

- ашхоси ҳуқуқӣ ва қисматҳои ҷудогонаи онҳо, ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт, навобаста аз шакли моликият, ки амалиёти савдо ва хизматрасониро дар фаъолияти робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ба амал мебароранд.

1.2.ҳисобот санаи 5-ум баъди давраи ҳисобот, ба мақомоти омории маҳалли ҷойгирифтаи худ пешниҳод карда мешавад.

1.3.Дар ҳисоботи шакли № 8 – **АИХ** (молҳо):
«содироти (воридоти) молҳо» бо ҷамъбасти афзоянда аз аввали сол барои семоҳаи 1, нимсолаи 1, нӯҳ моҳа, барои 1 сол тартиб дода мешавад;

.

1.4. Дар ҳисоботи омории молҳо арзиш, бо нархҳои сомонӣ ва бо ҳазор доллари ИМА, бо як аломат баъди вергул инъикос карда мешавад.

ҳахми арзишии амалиёти содироту воридоти молҳоро ташкилотҳои ҳисоботдиҳанда дар асоси қурби асъор мувофиқи маълумоти Бонки миллии Тоҷикистон аз лаҳзаи ба амал баровардани амалиёт ба ҳисоб мегиранд.

1.5. Дар қисмати болоии тарафи чапи варақаи ҳисобот нишонӣ пур карда мешавад:

- дар сатри «Ба кӣ пешниҳод карда мешавад» нишонии мақомоти омори вилоят, ноҳия, шаҳр нишон дода мешавад.
- дар сатри «кӣ пешниҳод мекунад» номи пурраи ташкилоти ҳисоботдиҳанда нишон дода мешавад;
- дар сатри «Нишонӣ» нишонии пӯштаи ташкилоти ҳисоботдиҳанда сабт карда мешавад;
- дар сатри «Шакли моликият» намуди моликияти ташкилоти ҳисоботдиҳанда дода мешавад;
- (шакли моликияташ давлатӣ, кооперативӣ ва ғайраҳо).

**II Нишондод оиди пур кардани шакли ҳисобот**

2.1. Дар фасли I шакли № 8- **АИХ** (молҳо) содироти (воридоти) молҳои ашхоси ҳуқуқии давлатҳои ИДМ ва давлатҳои хориҷӣ дур нишон дода мешавад.

**Лаҳзаи амалӣ намудани содироти мол** санаи бор кардани мол, **воридоти мол** бошад, санаи бо фармоишгар ё нишрн додани қабулкунандаи бор, имзо намудани ҳуҷҷати супоридану қабул кардан мебошад.

**Тақсимоти ҷуғрофии содироти (воридоти) молҳо аз рӯи накшаи зерин ичро мегардад;**

- содироти молҳо – ба мамлакати таиншуда (истеъмолкунандаи) молҳо,
- воридоти молҳо – ба мамлакати истеҳсолкунандаи молҳо.

**Мамлакати таиншуда (истеъмолкунандаи)** молҳо – мамлакати дар лаҳзаи бор кардани молҳо маълум, ҳамчун мамлакати охирон, ки молҳо барои истеъмол истифода, ё коркарди минбаъда таъин шудаанд.

**Мамлакати истеҳсолкунандаи мол** – мамлакате, ки молро истеҳсол ё кор кардааст, мамлакате, ки маҳсулоти кишоварзӣ кишт ва истеҳсол мекунанд, истиҳрохи канданиҳои фониданок, маснуотро пурра ё қисман тайёр мекунад.

Агар тайёр кардани маснуот хатм нашуда бошад, дар он сурат дар зери мафҳуми мамлакати истеҳсолкунанда ҳамон мамлакате фаҳмида мешавад, ки мол аз коркарди охирон гузаштааст, қабл аз он ки мол намуди ниҳоии худро гирифтааст.

Агар дар лаҳзаи содироти (воридоти) мол мамлакати таиншаванда (истеъмолкунанда) ё (истеҳсолкунанда) маълум набошад, дар он сурат содироти (воридоти) мол ба ҳисоби мамлакати фурӯшанда( харидор) ба ҳисоб гирифта мешавад.

**Мамлакати фурӯшанда (харидор) – и мол** мамлакате мебошад, ки дар ҳудуди он сарфи назар аз мансубият ба миллият фирма ё ташкилоти фурӯшанда ё харидори мол қарор дорад.

**Баҳодиҳии арзиш-** ҳангоми содирот (воридот)- и мол аз рӯи нархҳои аҳдномавӣ (қарордодӣ) бо назоратдошти муайян ва аниқ намудани нархҳои аслӣ минбаъд (ҳангоми амалӣ намудани аҳднома бо тарафи аҳдкунанда (қарордодкунанда) баҳодиҳии арзишӣ сурат мегирад. Арзиши моле, ки ба воситаи комиссияҳо (миёнаравҳо) фурӯхта мешавад, дар он сурат ба андозаи маблағи комиссияи миёнарав кам карда мешавад.

Моли содиршаванда дар заминаи нархҳои ФОБ ё ДАФ – бандари (сарҳади) мамлакати барандаи мол ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ба ҳисобгирии молҳои воридшаванда дар заминаи корҳои СИФ ё СИП – бандари (маҳалли таиншуда сарҳади) мамлакате, ки молро ворид мекунад, сурат мегирад.

**Категорияи ФОБ** – (озодона дар киштӣ) – шарте, ки мувофиқи он ба нархи мол арзиши он ва харахоти бурда расондан ва бор кардани мол ба киштӣ ҳамроҳ карда мешавад.

**Категорияи СИФ** – (арзиши мол, суғуртакунӣ, фрахт) – шартҳои фурӯши мол, мувофиқи нархи мол ва арзиши он ва хароҷоти суғуртакунӣ ва ҳамлу нақли мол то бандари (сарҳади) мамлакати воридкунандаи мол ҳамроҳ карда мешавад.

Молҳое, ки мутобиқи шартҳои СИФ содир карда мешаванд, ҳангоми содирот аз рӯи нархи ФОБ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Нархҳо бо нархҳои ФОБ бо роҳи истисноии нархҳои харахоти ҳамлу нақли то маҳалли таъиншуда ва суғуртакунӣ бозҳисоб карда мешаванд.

Молҳое, ки бо шартҳои ФОБ ворид карда мешаванд, ҳангоми воридот аз рӯи нархҳои СИФ бо роҳи ҳамроҳ кардан хароҷот ба нархи ҳамлу нақли молҳо то маҳалли таъиншуда ва суғуртакунӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Баҳои содироти (воридоти) молҳо, тағйироте, ки амалиёти бонкии асъорӣ ё қарзро дар бар намегиранд ва дар амал нархи аҳдномавӣ (қарордодӣ) надоранд ва ё нархи онҳоро муайян кардан мушкил аст (яъне ройгон додашуда, тӯҳфа, амалиёти муомилоти мол) мебошад, аз рӯи нархҳои бозорҳои хаҳонӣ ё бо нархҳои молҳои номашон якхела баҳо дода мешаванд, зеро молҳо дар асоси тиҷоратӣ содир (ворид) карда шудаанд.

ҳангоми пур кардани шакли № 8- АИХ (молҳо) феҳристи молии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ «(ФМФИХ ИДМ)»-ро қабул кардан зарур аст.

Дар сутуни 1 номи мамлакатҳо (бо тартиби) нишон дода мешаванд.

Дар сутуни 2 рамзи мамлакатҳо мувофиқи классификатори мамлакатҳои хаҳон нишон дода мешаванд.

Дар сутуни 3 номгеи молҳо мувофиқи ФМФИХ ИДМ нишон дода мешаванд.

Дар сутуни 4 воҳидҳои ченак мутобиқи ФМФИХ ИДМ нишон дода мешаванд.

Дар сутуни 5 рамзи молҳо мутобиқи ФМФИХ ИДМ нишон дода мешаванд.

Дар сутуни 6 миқдори моли содиршаванда (воридшаванда) нишон дода мешавад.

Дар сутунҳои 7 ва 8 арзиши мол ба ҳазор доллари ИМА ва сомонӣ нишон дода мешавад.

Дар айни замон, субъектҳои хоҷагидори ҳамаи шаклҳои моликият, ки аз рӯи кооператсия бо мамлакатҳои ИДМ аз рӯи қарордодҳои имзошуда (аҳдномаҳо) ба содироти (воридоти) молҳо машғуланд, мувофиқи шакли № 8- **АИХ** (молҳо) бо ишораи аломати "аз рӯи кооператсия" ҳисобот пешниҳод менамоянд.

Таҳти мафҳуми таъмин намудани молҳо аз рӯи кооператсия бо ашёи хом, мавод, қисмҳо, порчаҳо, қисмҳои эҳтиётӣ, маснуоти тайёр, маснуоти нимтайёр, ки махмуъ месозанд ва дигар маснуоти соҳавӣ ва таъиноти байнисоҳавӣ, ки барои истеҳсолоти бо ҳам алоқаманди технологӣ ва тайёр намудани маҳсулоти ниҳоӣ заруранд, фаҳмида мешавад.

Таъмин намудани молҳо аз рӯи кооператсия ба сифати таъмини равобити ҳамдигарфаҳмӣ дар асоси эквивалент ба амал баровварда мешавад.

Молҳое, ки аз рӯи кооператсия таъмин карда мешаванд, аз нав баргашта ба мамлакати сеюм содир шуда наметавонанд, аз он хумла ба ашхоси ҳуқуқӣ ва воқеъӣ ё ба ташкилотҳои байналхалқӣ бе розигию мувофиқаи хаттии мақомоти ваколатдори давлати таъминкунанда.

**ҳахми умумии содирот (воридоти) молҳо рӯи кооператсия** бо роҳи ҷамъбаст намудани маълумотҳо дар бораи арзиши ҳахми ҳамаи намудҳои маҳсулоте, ки корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯи кооператсия ба ҳисоби созишномаҳои имзошуда таъмин менамоянд (қабул мекунанд) муайян карда мешавад. Арзиш бо ҳазор доллари америкоӣ баҳо дода мешавад.

Содироти (воридоти) молҳо рӯи кооператсия **ҳахми амалии содирот (воридот)-ро, намудҳои мушаххаси молҳоро аз рӯи кооператсия** бо воҳиди ченаки ҷисмӣ (физикӣ) ва бо ифодаи арзиш иникос менамояд.

ҳисоботи аз рӯи шакли №8- **АИХ** (молҳо) тартиб додашударо роҳбари ташкилот ва сармуҳосиби он имзо мекунанд, поёнтар ному насаби иҷрокунандаи ҳисобот ва рақами телефони ӯ нишон дода мешавад.

Барои дурустии маълумотҳо ва риояи муҳлати пешниҳоди ҳисобот роҳбари ташкилоти ҳисоботдиҳанда ҷавобгар мебошад.